ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи доктории Шодиев Рустамхон дар мавзуи «Пажўҳиши этнолингвистии гўйишҳои минтақаи Кўлоб» (таҳқиқи таърихӣ ва ҳамзамонӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рўйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2023. – 314 с.

Кори диссертатсионии мазкур ба яке аз мавзуъҳои то ҳол таҳқиқнашудаи забоншиносӣ бахшида шуда, дар он ҷанбаҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва забонии қавму мардуми яке аз минтақаҳои таърихии кишварамон, яъне вилояти Хатлон мавриди пажўҳиш қарор гирифтааст. Гуфтан ҷоиз аст, ки дар замони муосир дар забоншиносӣ шохаҳои зиёде, чун: забоншиносии иҷтимоӣ (сотсиалингвистика), забоншиносии равонӣ (психолингвистика), забоншиносии қавмӣ (этнолингвистика), забонши- носии ҳуқуқ (юристлингвистика) ва амсоли инҳо падид омада, роҳу равиши худро пайдо кардаанд ва тадричан рушд намуда истодаанд. Рисолае, ки муҳаққиқ Шодиев Рустамхон дар мавзуи «Пажўҳиши этнолингвистии гўйишҳои минтақаи Кўлоб» (таҳқиқи таърихӣ ва ҳамзамонӣ) омода кардааст, барои рушди забоншиносии қавмӣ ё этнолингвистика мусоидат хоҳад кард. Зеро дар он маводи гўишӣ, ҷойномҳои таърихӣ дар асоси маводи фарҳангномаҳо, осори таърихӣ ва ҷуғрофӣ то андозае аз нигоҳи муқаррароти этнолингвистӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Гуфтан ҷоиз аст, ки **навгонии илмии таҳқиқи** мазкур дар он зоҳир мешавад, ки дар он маводи гўишии минтақаи мавриди таҳқиқ дар намунаи лаҳҷаи Кўлоб аз нигоҳи этнолингвистӣ баррасӣ гардида, дар он ҳамбастагӣ ё ҳампайвандии забону фарҳанги тоҷикӣ дар заминаи гўйиши минтақаи Кўлоб ба таври илмӣ таҳқиқ шудааст.

Тибқи маълумоти фишурда диссертатсияи мазкур аз рўйхати ихтисораҳо, муқаддима, панҷ боб, хулоса, рўйхати адабиёт таҳия гардида, 314 саҳифаи чопи компютериро фаро гирифта, номгўйи адабиёти илмӣ аз 417 адад иборат аст.

Дар **муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқ асоснок гардида, дараҷаи омўзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии муаллиф, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, рўйхати интишорот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия зикр шудааст.

Боби якуми рисола «Масъалаҳои назарӣ ва амалии этнолинг- вистика» унвон дошта, фарогири ҳафт фасл аст ва дар фаслҳои боб масоили амалӣ ва назарии этнолингвистика, инъикоси вазъи забонӣ дар гӯйишҳои минтақавӣ, таҳқиқи гӯишҳо, робитаи этнолингвистика бо илмҳои гуногун ҷо дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Этнолингвистика ва пажӯҳиши таърихӣ – забоншиносии минтақаи Кӯлоб»** унвон дошта, фарогири се фасл аст ва дар ин фаслҳои боб вазъи таърихию забонии минтақаи Кӯлоб дар се давраи инкишофи забонҳои эронӣ таҳлил гардида, вазъи таърихӣ-иҷтимоии забонҳои минтақа мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби сеюм бо унвони **"Номҳои ҷуғрофии таърихӣ ва бархе аз масоили забонҳои бумии Кӯлоб"** ёд мешавад ва фарогири шаш фасл буда, асосан, дар ин боб номвожаҳои ҷуғрофии сарзамини Хатлон аз нигоҳи забоншиносӣ баррасӣ гардидаанд.

Боби чоруми диссертатсия **"Таҳқиқи таърихӣ ва лингвистии луғоти вижаи гӯйишҳои Кӯлоб"** номгузорӣ шуда, фарогири ҳафт фасл аст ва дар ин фаслҳои боб вожаҳои гӯйишии минтақа аз чанд ҷиҳат татраҳ гардидаанд.

Боби панҷум бо унвони **"Таҳлили этнолингвистии фолклори Кӯлоб"** ёд мешавад ва фарогири се фасл буда, дар он робитаи этнолингвистика бо фолклор, зарурати таҳқиқи забонии фолклори Кӯлоб ва нигоҳи этнолингвистӣ ба фолклори Кӯлоб нишон дода шудааст.

Дар **хулоса**и диссертатсия натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқ дар 24 банд ҷамъбаст гардида, ҷамъбасти хулосаҳои таҳқиқ низ пешкаш ва барои истифодаи амалии натиҷаҳои он тавсияҳо дода мешавад.

Рӯйхати адабиёт дар асоси меъёр ва талаботҳои ҷорӣ мураттаб гардидааст. Фишурдаи диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд.

Диссертатсия дар асоси методҳои консептуалӣ, таърихӣ-забоншиносӣ, синхронӣ-муқоисавӣ, таҳлилӣ-оморӣ, таҳлили ҷузъӣ таълиф гардидааст. Дар баробари методҳои мазкур то ҳадди муайян таҳлили этимологӣ ва сохторию оморӣ низ ба роҳ монда шудааст.

Дар баробари ин дар диссертатсия чанд носаҳеҳиву норасоӣ ва камбудиву ғалатҳо ба назар расидаанд, ки чанде аз онҳоро барои беҳбудии муҳтавои диссертатсия пешниҳод менамоем:

1. Гоҳо такрори фикру андеша ва мисолҳои зикршуда ба чашм мехӯранд, ки таҷдиди назари онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

2. Дар рисола ҷо-ҷо қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломати китобати он риоя нагардидааст, ки ба талаботи муқаррароти он қоида мутобиқ кардани маводи диссертатсия ҳатмист.

3. Дар овардани истилоҳи илмӣ якрангӣ дида намешавад ва бештар истилоҳи илмӣ ба забони русӣ ва байналмилалӣ аст. Дар ҳолати мавҷуд будани гунаи тоҷикии он ба истифодаи истилоҳи ғайритоҷикии соҳа ҳеҷ зарурате нест.

Эродҳои зикршуда моҳияти илмии диссертатсияро кам намекунанд ва ислоҳшавандаанд.

Ҳамин тавр, камбудиҳои ҷойдошта назар ба дастовардҳои илмии диссертант ночизанд ва муаллифи диссертатсия дар ҳаллу фасли масъалаҳои назариявию амалии пажӯҳиши этнолингвистии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб, ки барои таҳқиқи таърихӣ ва ҳамзамонӣ равона гардидааст, ба натиҷаҳои дилхоҳ расидааст. Дар маҷмуъ, эроду ва камбудиҳо зикршуда моҳияти илмӣ ва дастовардҳои муҳаққиқро коста намесозанд. Хулоса, диссертатсияи Шодиев Рустамхон дар мавзуи «Пажӯҳиши этнолингвистии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб» (таҳқиқи таърихӣ ва ҳамзамонӣ) ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 02. 01. –Забони тоҷикӣ мебошад.

Доктори илми филология, профессори
кафедраи филологияи тоҷик
ва забонҳои шарқи хориҷии Донишгоҳи
давлатии Самарқанд ба номи
Ш. Рашидов **Ҷ. Ҳамроев**

Доктори фалсафа оиди фанҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи филологияи тоҷик
ва забонҳои шарқи хориҷии Донишгоҳи
давлатии Самарқанд ба номи
Ш. Рашидов **А.Шерназаров**

Суроғa: шаҳри Самарқанд, хиёбони
Донишгоҳ, 15, Донишгоҳи давлатии
Самарқанд ба номи Ш. Рашидов;
Тел.: (+99891) 528 98 00;
E-mail: JumaHamroh@mail.ru

A. Шерназаров
Ж. Ҳамроев
imzosini
tasdiqlayman
Sharof Rashidov nomidagi
SamDU kadrlar bo'limi boshlig'i